**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, Мамурова Гулрухсор Қодировна - номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ ба диссертатсияи номзадии Салимов Эраҷ Мирҳасанович дар мавзуи “«Анъанаҳои фарҳангии Тоҷикистон дар даврaҳои мухталиф (дар асоси маводи фарҳангии минтақаи Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.13– Антропологияи фалсафӣ, фалсафаи фарҳанг**

**Мутобиқати диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи номзадии Салимов Эраҷ Мирҳасанович дар мавзуи «Анъанаҳои фарҳангии Тоҷикистон дар даврaҳои мухталиф (дар асоси маводи фарҳангии минтақаи Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа пешниҳодшуда ба ихтисоси 09.00.13– Антропологияи фалсафӣ, фалсафаи фарҳанг мутобиқати пурра дошта, таҳқиқоти ба анҷом расонидаи довталаб ба рушди илмҳои фалсафа ва фарҳангшиносӣ мусоидат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Зикр намудан бамаврид аст, ки даврaи муосири рушди Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба амалисозии ғояҳои давлатдории миллӣ алоқамандӣ дошта, он ғояҳо, арзишҳо ва анъанаҳоеро дарбар мегирад, ки дар махзани ғании мероси фарҳанги маънавии халқ мавҷуд буда, ба қавигардии худшиносии миллӣ ва рушди фарҳанги миллӣ мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз муҳаққиқ дарки мақом ва нақши фарҳанги минтақаи Суғд дар фарҳанги даврaи Истиқлоли Тоҷикистон, таҳлилу баррасӣ ва муайян кардани вижагиҳои ташаккул ва такомули он, хусусиятҳои хос ва нишонаҳои фарҳанги минтақавии мазкур ва муқаррар намудани мавқеву мақоми он дар фарҳанги миллиро масоили мубрами таҳқиқ меҳисобад, ки он имрӯз бамаврид аст, зеро паҳлӯву ҷиҳати зиёди масоили фарҳанги миллӣ, хусусан ташаккули он дар даврони истиқлолият ҳоло ба таври кифоя таҳқиқнашуда ба назар мерасад.

Дар қисмати **тавсифи умумии таҳқиқот** диссертант мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзӯи таҳқиқотро амиқан нишон дода, барои амалӣ сохтани онҳо методологияҳои илмии классикии диалектикӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, мантиқию-танқидӣ, бахусус методи бархӯрди аксиологиро мувофиқан мавриди истифода қарор додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Навгонии илмии дар рисола овардашуда, кушиши аввалини баррасии вижагиҳои таҳаввул ва такомули фарҳанги миллӣ ва қисмҳои таркибии он – фарҳанги минтақаи Суғд чун падидаи фалсафӣ – фарҳангӣ буда, таҳлили арзиш ва категорияҳои фарҳанги миллӣ ва қисмҳои таркибии он – фарҳанги минтақавӣ ва хусусиятҳои он бо мушаххасоти ҷуғрофӣ – хронологӣ ба таври комплексӣ анҷом дода шудаад, ки онҳо стратегияи умумии таҳқиқотро муайян намуда, роҳи мушаххаси расидан ба ҳадафҳои таҳқиқотро нишон додаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳияи диссертатсия.** Саҳми шахсии довталаб, ки аз бори нахуст анҷом додани консептҳои фарҳанги миллӣ, фарҳанги умумӣ, фарҳанги минтақавӣ ба таври махсус ва комплексии назариявӣ дар таҳқиқоти ҷудогона, системанок, дар муқоиса бо афкори мутафаккирони пешин ва ҳамзамони фарҳангшинос ва мутахассисони фалсафаи фарҳанг иборат буда, таҳлили мукаммали мафҳумҳои ифодагари фарҳанги минтақаи Суғд бори аввал пешниҳод шудааст, ҷолиби диққат аст.

Аз ин рӯ бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар ҳалли масоил оид ба таҳлили моҳияти падидаи фарҳанги миллӣ ва қисмҳои таркибии он барои омӯзиш ва рушди фарҳанги тоҷик истифода гардида, натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқи рисола ба даст омада дар рушди омӯзиши фарҳанг ба таври умум, инчунин фарҳанги ватанӣ ва самти ҷадиди он – шинохти фарҳанги миллӣ нақш ва саҳми муайяни назариявӣ ва методологиро хоҳад гузошт.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ**. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияи мазкур бо интихоби методҳои таҳлил ва таҳқиқи мавзуъ, мутобиқати онҳо ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин миқдори зарурии мавод, ки дар ҷараёни кор ҷамъоварӣ ва коркард шудаанд, тасдиқ мегардад. Манбаъҳои истифодашуда ба дурустӣ санҷида шудаанд ва ақидаҳои илмии пешниҳоднамудаи муҳаққиқ ва дар диссертатсия баёншуда тасдиқ гардидаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

**Интишороти диссертант аз рӯйи мавзуи диссертатсия**, ки аз 9 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст, нуктаҳои асосӣ ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқро дарбар мегиранд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори таҳқиқотии анҷомдодашуда аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, дар ҳаҷми 184 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод гардидааст.

**Муқаддимаи таҳқиқоти илмии диссертант** ҷавобгӯ ба талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ” аз 27 декабри соли 2024, № 493 буда, ҳамаи қисматҳои он босаводона тартиб дода шуда, аҳамияти мавзуи таҳқиқ илман асоснок карда шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда амиқ муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми таҳқиқоти илмӣ **“Замина ва омилҳои тарихӣфарҳангии ташаккул ва рушди фарҳанги минтақавӣ (таҳлили фалсафӣфарҳангшиносӣ)”**, ки аз ду зербоб иборат аст, мафҳумҳои фалсафӣфарҳангӣ мушаххасан таҳлил гардидаанд. Зеро муқаррар кардани мафҳумҳои тахти таҳқиқот қарор дошта дар мавриди омӯзиши муносибатҳо миёни фарҳанги умум ва фарҳанги минтақавӣ айни матлаб

мебошад, ки он дар дарки ҳаҷм ва умқи ҳамгирои мусоидат мекунад. Масалан: “Таҳқиқи ҳастии фарҳанги минтақавӣ- аксиосфераи он хеле босамар ба назар мерасад. Аксиосфераи фарҳанги минтақавӣ худ як навъ сохтори муҳаррик, чандир, вобаста аз омилҳои тағйирпазир ва муттаҳидгари маҷмуи арзишҳои минтақавӣ буда, дар заминаи хусусиятҳои таърихӣ, табиӣ – ҷуғрофӣ, фарҳангии минтақа ташаккул ёфта, дар худ гуногунҷанбагӣ, нудрат, бемислӣ, ғановати фарҳанги мазкурро таҷассум намуда, муносибатҳои инсон ба олами табиӣ ва иҷтимоиро танзим менамояд” (с.33 дис.).

Боби дуюми диссертатсия ба **“Хусусиятҳои ташаккул ва такомули фарҳанги Суғд”** бахшида шуда, аз ду зербоб иборат аст, ки дар он диссертант ташаккул ва такомули фарҳанги Суғдро ҳамчун фарҳанги минтақавӣ, таносуби фарҳанги умумӣ, миллӣ ва минтақавиро дар мисоли фарҳанги Суғд дар давраҳои мухталифи таърихӣ-аз замони ташаккулёбӣ-аз асрҳои VI пеш аз мелод, то замони ҳамроҳшавӣ ба Империяи Рус ба таври муфассал таҳлил намуда, пешравиҳо ва таназзули фарҳанги минтақаи мазкурро, мушаххасан нишон додааст, ки боиси зикр аст.

Диссертант қайд менамояд, ки аҳаммияти хосса зоҳир намудан ба масъалаи ташаккулёбии фарҳанг дар замони Ҳахоманишиён маърифати имрӯзаи фарҳанги минтақаи Суғди Тоҷикистон ва умуман фарҳанги тоҷикистониён аст, ки аз қадимулайём ба давлати Суғдиён шомил мебошад (с. 58 дис).

Боби сеюми диссертатсия **«Равандҳои нави фарҳангӣ, муборизаи анъана ва модерн, хусусияти таҳаввули фарҳанги минтақаи Суғд»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст, ки дар он муҳаққиқ хусусиятҳои фарҳанги минтақаи Суғд ва пайвандҳои онро бо фарҳанги этникӣ-миллӣ равшан намуда, дуруст муайян менамояд, ки ташаккул ва такомули фарҳанги моддиву маънавии минтақаи Суғд куллан дар ҳудуди рушди фарҳанги умумӣ идома ёфта, дар он натиҷаи амалии равандҳои минтақавии мунтазам, инчунин ҳамгироии мутақобилаи фарҳанги умумӣ

бо минтақавӣ зуҳур меёбанд. Барои воқеан муайян кардани равандҳои табодули фарҳангҳо ва ташаккули фарҳангии минтақавӣ баррасии давраи нави он, ки мувоҷеҳ ба таъсири фарҳанги нав гардид, муҳим аст.

Диссартант дар зербоби якуми боби мазкур бамавқеъ қайд менамояд, ки фарҳанги нав - фарҳанги даврони ҳокимияти Шӯравӣ буда, тавассути инқилоби маданӣ, маҳви бесаводӣ, ташаккул ва рушди маорифи ҷумҳурӣ, аз он ҷумла минтақаи Суғд раванди нави фарҳангиро ба худ касб намуд. Халқи тоҷик тамоми қувваи худро ба созмони системаи нави маориф, бунёди мактабҳо, клубҳо, чойхонаҳои сурх, китобхонаҳо, музейҳо, гӯшаҳои сурх ва манбаъҳои фарҳангии дигар равона сохт, ки онҳо дар баланд бардоштани фарҳанги меҳнаткашон нақши муҳимро бозид.

Вале, чуноне ки диссертант дуруст қайд менамояд, ивази алифбои арабӣ ба алифбои лотинӣ, баъдан соли 1940 гузариш ба ҳуруфоти русӣкириллӣ ба вуқуъ пайваст, ки чунин ислоҳот дар ҳақиқат оқибатҳои манфии худро низ дошт, ки он ифодаи гусаста гардидани давомоти анъанаҳои маънавӣ, фарҳангии халқи тоҷик маҳсуб меёфт.

Дар баробари поймол кардани «қонуни маънавиёт дар ботини мо», ки асоси он эътиқодҳои динӣ, арзишҳои умумиинсонии тамаддуни ҷаҳонӣ, маҳакҳои этикии муайян солҳо «ахлоқу одоби синфӣ» маҳсуб меёфт, ба фарҳанг зарари калон расонид (с.126 дис.).

Дар зербоби дуюми боби сеюм «Таҳлили вазъ ва таносуби фарҳанги минтақаи Суғд дар рушди фарҳанги миллии замони муосир» сухан дар бораи вазъ ва рушди фарҳанги минтақаи Суғд дар даврони соҳибистиқлолиии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақому нақши он дар рушди фарҳанги миллии замони муосир меравад.

Дар ин зербоб диссертант рушди фарҳанги минтақаро дар солҳои Истиқлолияти Ҷумҳурӣ таҳти таҳлили ҳаматарафа қарор дода, дастовардҳои фарҳангии минтақаро ба таври муфассал таҳлил менамояд. Ӯ комилан дуруст менигорад, ки солҳои истиқлолият дар ҷумҳурӣ, аз он

чумла минтақаи Суғд давраи бунёдикориву созандагӣ маҳсуб ёфта, вусъати тоза пайдо кард.

Қобили таваччӯҳ аст, ки диссертант иброз менамояд, ки дар замони Истиқлол яке аз падидаҳои дилписанд ин бузургдошти аҷдодон аст ва гиромӣ доштани ёди шахсиятҳои нодир, ба мисли аллома Бобоҷон Ғафуров, Муҳаммад Осимӣ ва дигарон дар худшиносии халқи тоҷик таъсири бағоят калон дорад, зеро онон дар рушду такомули фарҳанги ҷумҳурӣ ҷонбозиҳои зиёде доштанд ( с.150 дис.)

Ҳамин тавр, мазмуни кори диссертатсионӣ ба номи мавзуи интихобнамуда комилан мутобиқат мекунад ва натиҷаҳои нави илмии аз ҷониби муаллиф ба даст омада, дар асоси методологияи дар соҳаи илмӣ антропологияи фалсафӣ, фалсафаи фарҳанг қабулгардида, собит шудаанд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҷой доранд:

1. Дар боби ду, зербоби дуюм, ки масоили " Таносуби фарҳанги умумӣ, миллӣ ва минтақавӣ дар мисоли фарҳанги Суғд" мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, диққати асосӣ ба фарҳанги милливу минтақавӣ равона гардида, масоили фарҳанги умумӣ кам ба назар мерасад.
2. Дар диссертатсия масоиле баррасӣ гардидааст, ки равандҳои фарҳангии миллати моро инъикос кардаанд. Аммо чунин ба назар мерасад, ки муқоисаи таъсири ҳамгироии фарҳангӣ бо фарҳанги кишварҳои ҳамҷавор (ки бесобиқа ва бешубҳа аст) аз диди муҳаққиқ дур мондааст.
3. Дар таҳқиқоти илмӣ баъзе ғалатҳои имловиву техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кор хоҳад буд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намегардонанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Салимов Эраҷ Мирҳасанович дар мавзуи «Анъанаҳои фарҳангии Тоҷикистон дар давраҳои мухталиф (дар асоси маводи фарҳангии минтақаи Суғд)» аз руйи ихтисоси 09.00.13 Антропологияи фалсафӣ, фалсафаи фарҳанг пешниҳод гардида, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонида шудааст ва ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023б №295) тасдиқшуда мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илми фалсафа, и.в. дотсенти
кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ__________Мамурова Г.Қ.

Имзои номзади фалсафа
Мамурова Г.Қ.-ро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С. Осимӣ
Қодирзода Н.Х.__________
21.08.2025

Суроғаи муқарриз:
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Академик Раҷабовҳо 10,
Тел: (+992)938480077
E-mail:gulruhsor.7.mamurova@gmail.com